**"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"**

**Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**н.и.ф., дотсент Назар М.А.**

______________________

"12" апрели 2021

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. – 152 саҳ.**

Диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мегардад, ки диссертант таълимоти Ибни Синоро оиди ҳаракат, фазо ва вақт дар асоси осори худи мутафаккир ва ҳамчунин Арастуву муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиши илмӣ-фалсафӣ қарор дода аст. Дар рисола дар баробари таҳқиқи ин масъала ва мақулаҳо ё умдатарин хосиятҳои ҳастӣ, ҳамчунин, мақулаҳои ба онҳо алоқаманд, чун хало, оромӣ ва нестӣ низ баррасӣ гардидаанд.

Дар таърихи илм маълум аст, ки назарияҳои физикӣ ва фалсафӣ, аз қабили вақту замон дар кашфи асрори кайҳон ва аз худ кардани он ба таври амалӣ истифода мешаванд. Намунаи он назарияи А.Эйштейн дар бораи нисбият мебошад, ки дар астрономия ва кайҳоншиносӣ ба таври васеъ кор бурда мешавад. Бояд эътироф намуд, ки афкори марбут ба фалсафаи табиат, ё натурфалсафаи Ибни Сино, то ба имрӯз дар

Тоҷикистон ва минтақаи Авруосиё ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст, дар ҳоле ки ин мавзӯъ ба шарҳу тавзеҳоти иловагӣ эҳтиёҷ дорад, аз ин рӯ, таҳлили он имкон медиҳад, ки саҳми мутафаккирони ҷаҳонӣ ва ҳамчунин ватаниро дар фаҳмиши моҳияти ҳастии олам, табиат ва инсон муайян намоем. Ба таври мушаххас баён медорем, ки Фаридун Иброҳимпур барои таҳқиқи илмии рисолаи диссертатсионӣ якчанд масъалаҳои муҳимро ба миён гузоштааст. Аз ҷумла:

- Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт таваҷҷӯҳи инсониятро аз давраҳои қадимтарини таърихӣ ба худ ҷалб намуда, дар ҳама давраҳо бо тарзу роҳҳои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аммо таълимоти пешиниён дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт бояд дар партави комёбиҳои илми муосир баррасӣ ва тавсиф шаванд.

- Инсони муосир асрори масъалаҳо ва муаммоҳои ҷовидонаи ҳастиро ҳанӯз ҳам дар осори мутафаккирони гузашта ва бахусус мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ аз қабли Афлотун, Арасту ва Ибни Сино ҷустуҷӯ менамоянд, аз ин рӯ, гуфта метавон, ки таваҷҷӯҳи донишмандон дар ҳама давру замонҳо нисбат ба мероси ҷовидонаи онҳо дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Осори онҳо ҳамчун манбаи муҳими афкори амиқи фалсафӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирон ва муҳаққиқони муосир саҳми баҳснопазир бозидаву ҳоло ҳам бозида истодаанд.

- Дар назари баъзеҳо ҳоло таҳқиқоти актуалӣ он таҳқиқоте ба назар мерасанд, ки бо фаҳмиши фалсафии соҳаи ҷамъиятӣ–сиёсӣ, фарҳанг ва санъат алоқаманд мебошанд. Аммо муроҷиат ба таърих, дар ҳолати ҳозира – ба таърихи илм – сарфи назар аз тасаввури нодурусти дар замони мо роиҷ дар бораи бегона буданаш ба манфиатҳои муосири ҷамъиятӣ, аҳамияти худро гум накардааст. Фаҳмидан зарур аст, ки замони муосир, ҳар гуна ки мо онро тасаввур нанамоем, дорои асосҳои худ мебошад, аз ин рӯ, вазифаи таърихи фалсафа ҳам ба фаромӯшӣ роҳ надодани ин асосҳо мебошад. Таҳқиқоти пешниҳодшаванда, агар аз як ҷониб, бо омӯхтани тимсолҳои нисбатан баландпояи анъанаи фалсафӣ машғул бошад, аз ҷониби дигар, манбаъҳои мафҳуми қувва/имкониятро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки минбаъд дар соҳаҳои гуногуни фалсафа дорои аҳамияти рамзӣ, мифтоҳӣ ва истилоҳи зарурӣ барои муайян кардани воқеият мегардад.

- Бояд таъкид намуд, ки дастгоҳи истилоҳӣ ва мафҳумии илми муосир, аз ҷумла, дар улуми олами ҷисмонӣ - физика, космология, биология аз бисёр ҷиҳатҳо дар давраи антиқа (Юнону Рум) офарида шудааст, дар асрҳои миёнаи мусулмонӣ обу тоб ёфтаанд, ба ин ҳам нигоҳ накарда онро ҳамчун чизи муқаррарӣ, чизи ҳамеша дар даст буда ва ҳамеша барои истифода ҳозир мебошанд. Дар миёни мафҳумҳои барои илми муосир муҳим метавон истилоҳҳои сабаб, имконият ва ё қувва, энергия, ҳаракат, суръат (ҳамчунин нисбияти суръатҳои ҳаракат, ки Зенон ва Арасту сари онҳо баҳс кардаанд), вазнинӣ, табиат, ҳаёт, ҷисм ва ғ.-ро ном бурд. Ин мафҳумҳо дар матни муайян ва ба сифати намунавӣ барои донишҳои илмӣ коркард карда шудаанд ва онҳо бидуни шакку шубҳа дар як қатор асарҳои Арасту, ки проблемаҳои илми давраи антиқаро нисбатан пурра ва ҳаматарафа инъикос мекунанд, вуҷуд доранд. Маълум аст, ки масъалаҳоеро, ки Арасту дар системаи донишҳои илмӣ ворид намудааст, минбаъд дар анъанаи шарҳу эзоҳдиҳӣ ва каломӣ, то замони Нав ва навтарин инкишоф ёфтаанд. Барои ҳамин, аҳамият ва мақоми осори Арасту ва Ибни Синоро дар таърихи илм ва махсусан, аҳамияти китобҳои "Физика"-ҳои онҳо дар таърихи фалсафаву илм баҳо додан кори ниҳоят мураккаб, вале дар асл судманд мебошад.

- Илова бар ин, бо таассуф бояд қайд кард, ки таҳқиқот оид ба "Физика"-и Арасту ва Ибни Сино ҳанӯз ҳам чи дар Аврупо ва чи дар Тоҷикистон ниҳоят кам ба назар мерасанд. Шояд сабаби ба онҳо камтар таваҷҷӯҳ додани муҳаққиқон дар он бошад, ки масалан, асарҳои Ибни Сино бештар ба забони арабӣ таълиф шуда, замони тӯлоние мавриди истифодаи муҳаққиқони муосири тоҷик қарор надоштанд, аз ин рӯ, дарк ва фаҳмиши забони онҳо мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меовард. Ба андешаи диссертант, хизмати таърихие, ки "Маркази синошиносӣ"-и Институти фалсафа дар тӯли се даҳсолаи охир дар самти тарҷума ва нашри осори Ибни Сино бо забони тоҷикӣ ва баргардонидани он бо ҳуруфи криликӣ кардааст, дар ҳақиқат ҳам шоён ва сазовори ҳама таҳсину офаринҳост. Ба андашаи ӯ, метавон гуфт, ки омӯзиши ҷиддии осори Ибни Сино акнун оғоз меёбад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** рисолаи диссертатсионӣ аз таҳлилу баррасии масоили ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино иборат аст. Диссертант барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад: **таҳлили** масоили ҳаракат, фазо

ва вақт дар таълимоти Ибни Сино дар асоси осори худи мутафаккир ва таҳқиқоти мутафаккирони ватанию хориҷӣ; **муайян** намудани моҳияти андешаҳои Ибни Сино доир ба фалсафаи табиат; **ошкор** намудани заминаҳои ташаккули афкори натурфалсафии Ибни Сино, махсусан таъсири таълимоти Арасту ба он; **таҳлили** категорияҳои модда, ҳаракат, оромӣ, фазо, холигӣ, вақт дар таълимоти фалсафии Арасту ва Ибни Сино.

**Навгонии илмӣ. Дар бораи навгониҳои илмии** ин рисола метавон гуфт, ки дар он масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино бори аввал дар фалсафаи ватанӣ ҳамчун объекти алоҳидаи таҳқиқ ё мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ, баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

**Аз навгониҳои таҳқиқот**, ки диссертант пешниҳод кардааст махсусан нуктаҳои зерин диққат ҷалбкунандаанд:

-Пеш аз ҳама дар диссератсия бори аввал кӯшиш барои омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар афкор ва осори Ибни Сино ва умумияту фарқияти таълимоти ӯ бо дигар намояндагони мактаби машшоъ (махсусан Арасту) дар доираи тадқиқоти махсуси илмӣ ба роҳ монда шудааст;

-Маҷмӯи матнҳои Арасту ва Ибни Сино дар робита бо мафҳумҳои умумии имконият, ҳаракат, табиат ва ғ. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- Омӯзиши масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт қариб дар тамоми китобҳои асосии фалсафии Ибни Сино, махсусан қисмати “Табииёт”-и онҳо муфассал равшан карда шудааст;

- Дар диссертатсия шарҳу тавзеҳоти амиқ ба истилоҳоти марказии мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҳаммонандӣ ва тафовути байни андешаҳои мутафаккирон оид ба масъалаи мазкур ба таври алоҳида нишон дода шудааст;

- Мавқеи Ибни Сино дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти марказии баҳс: ҳаракат, оромӣ, холигӣ, фазо ва вақт мушаххас гардонида шудааст;

- Диссертант дар тадқиқоти дисертатсияи худ танҳо ба омӯзиши осори Ибни Сино машғул шуда, то андозае, ки дар тавони ӯ будааст, омӯзиши муқоисавии Арасту ва Ибни Синоро баррасӣ кардааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя бароварда** шудааст, нуктаҳои 2, 5 ва 6 нақши калидӣ мебозанд, зеро дар он диссертант мафҳумҳои асосии

фалсафаи табиати Ибни Синоро ошкор карда таъсири он ба мутафаккирони баъдӣ ва ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудани ин мавзӯъ нишон дода шудааст. Мазмуни ин нуктаҳо чунин масъалаҳоро дар бар мегирад, ки масъалаи модда ва хосиятҳои он, офарандагии олам, абадияти он, ошкор сохани мақулаҳои баррасикундаи ин мавзӯъ ва саҳми мутафаккирони ватаниро дар омӯзиши мавзӯи мазкур дар бар мегирад: яке тавассути осори худ, дигаре тавассути таълимоташон, сеюм - тавассути таъсири бевосита дар ташаккули ғояҳои натурфалсафӣ ва ғайра. Проблемаи ҳаракат, фазо ва вақт аз давраҳои қадим мавриди таваҷҷӯҳи мутафаккирон қарор доштаанд. Сарфи назар аз қаробат, ҳаммонандӣ, ихтилофи андешаҳо дар ҳалли ин проблемаҳо ҳатто дар байни мутафаккирони як кишвар низ назарҳои гуногун ба чашм мерасад. Аммо муҳим он аст, ки табодули афкори фалсафӣ дар ҳама давру замонҳо вуҷуд дошта, дар ташаккули афкори мутафаккирони минбаъда саҳмгузорӣ кардаанд.

Ҳамчунин, дар рисола таълимот дар бораи материя ва хосиятҳои он, пайдошавии олам, масъалаи абадият, атом, модда, аз ҷавҳар офарида шудан ва ё аз ҷониби худоён ҳамеша дар ин ва ё он шакл вуҷуд доштан нишон дода шудааст. Арасту дар ташаккул ва инкишофи фалсафа нақши босазо дошта, ба инкишофи минбаъдаи фалсафа, аз ҷумла мутафаккирони Шарқ (Ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Равандӣ, Насируддини Тусӣ...) таъсири зиёд гузоштааст. Сатҳи омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт, дастовардҳо ва норасоиҳо дар синошиносии муосир (махсусан, дар фалсафаи ватанӣ) баррасӣ гардидааст. Мавқеи Ибни Сино дар баррасии масоили ҳаракат, макон ва замон, абадияти олам дар замон нишон дода шуда, истифодаи мафҳумҳои “ал-он”, “даҳр” ва “сармад” дар мутақаддимияти замон дар баробари Воҷиб-ул-вуҷуд ошкор карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот метавонанд барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи табиатшиносии тоҷик ҳамчун замина хизмат кунанд; омӯзиши афкори Ибни Сино дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал интихоб шуда, масъалаи ҳаракат, оромӣ, хало, фазо ва вақт ҳамчун меҳвари баҳсу мунозираҳои ғоявии мутафаккирони чӣ асримиёнагӣ ва чӣ муосири тоҷик муфассал тадқиқ гардидааст; ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро

метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи табиат, таърихи фалсафа, онтология ва назарияи маърифат, таърихи диалектика истифода намуд; Натиҷаҳои тадқиқотро ҳамчунин метавон дар гузаронидани курсҳои лексионӣ ва семинарӣ, курсҳои махсуси таърихи фалсафаи классикии шарқӣ, муколамаи Шарқ ва Ғарб истифода бурд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- Пеш аз ҳама саҳми шахсии диссертант дар он аст, ки бо худи сарчашмаҳо кор кардааст, асарҳои Ибни Синоро дар асл, на танҳо дар шарҳу баёни онҳо омӯхтааст; ба замми ин, муаллиф масъалаи ҳаракат, фазо ва вақтро дар фалсафаи Ибни Сино ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда аст;
- Усули таҳқиқоти диссертант ҷолиб аст, ки хоси мантшиносист. Муаллиф аввал матни Абуалӣ ибни Синоро меорад ва баъд ба таври худ ва бо забони нав онро шарҳу баён мекунад. Баъди ин ҳама диссертант хулосаи худро ироа мекунад;
- Ба диссертант муяссар шудааст, ки миқдори бузурги таҳқиқот оид ба ин мавзӯъро ҷамъоварӣ, тақсимбандӣ ва классификатсия намудааст, ки барои кори илмӣ сазовори таҳсин аст.
- Дар илми фалсафа ва таърихи илми ватанӣ аввалин бор ғояҳои ташаккули масъалаи мазкур дар фалсафаи Ибни Сино ошкор ва таҳлил карда шудааст;
- Диссертант дар заминаи таҳқиқи мавзӯъ дар асоси сарчашмаҳо номгӯи бузурги шаклҳои ҳаракат (миқдорӣ, сифатӣ, даврӣ, бо ирода, ғайриирода, нафсӣ, ҳаракат ва оромӣ ё ҷунбиш, аразӣ, қасрӣ, табиӣ ва ғ.), вақт (азалият, абадият, сармадият ва ғ.) ва фазо (бӯъдҳои он), макон ва ҷисм, макон ва сатҳ ва ғ- ро таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.
- Ба диссертант муяссар шудааст, ки дар кори илмӣ ба таври мушаххас таъсири таълимоти Ибни Сино оиди фалсафаи табиат, махсусан дараҷаи омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт аз ҷониби мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ карда, аҳамияти онро дар раванди омӯзиши ин масъала дар замони муосир ошкор кунад;
- Хулосаҳои илмии диссертант дар охири бобҳо хеле мушаххасанд, маълум мешавад, ки ӯ бо адабиёти илмиву фалсафӣ ошноии комил дорад.
- Дар баробари таҳқиқи масъалаи мазкур таъсири афкори мактабҳои фалсафии тоисломии тоҷик – зарвония, даҳрия, асҳоби ҳаюло ва ҳамчунин фалсафаи юнониён, Арасту ба ташаккули афкори фалсафаи табиати Ибни Сино баррасӣ гардидааст;

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 152 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия **«Дараҷаи омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Арасту ва Ибни Сино»** номгузорӣ шуда, дар он сатҳи омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **"Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи табиии Арасту"** корҳои таҳқиқотии мутафаккирони ватанию хориҷӣ оварда шуда, таҳлилу баррасиҳо дар асоси осори худи мутуфаккир, махсусан асари «Физика» ва «Метафикиза» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар зербоб қайд менамояд, ки омӯзиш ва баррасии фалсафаи табиати Арасту дар доираи методологияи муайян ба роҳ монда шудааст. Яке аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи фалсафаи табиат истифода мешавад, ин усули таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин усул фалсафаи табиати Арасту, масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт дар рисолаи "Метафизика" ва "Физика" омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи масоили фалсафаи табиат мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди омӯзиши масъалаи мазкур дар замони муосир гуногун, ба кор бурдааст. Осори ин мутафаккир беҳтарин намунаи фалсафаи табиат ва дар алоҳидагӣ масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт мебошад. (с. 16-29)

Зербоби дуюми ин фасл мавзӯи **"Масъалаи омӯзиши ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино"** - ро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин зербоб, аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи фалсафаи табиат истифода мешавад, махсусан аз усули таърихӣ ва таҳлили фалсафаи табиат истифода бурдааст. Дар доираи ин усул доираи баҳси фалсафаи табиат, масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт дар бахшҳои "Табиийёт"-и осори Ибни Сино, сарчашмаҳои пайдоиши афкори фалсафаи табиӣ, дар самти ташаккули фалсафаи табиат омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди

густариши фалсафаи табиат ва дараҷаи омӯзиши он дар замони муосир ба кор бурдааст. Осори мутафаккир беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. (с. 30-37)

Боби дуюми рисола "**Таълимоти Ибни Сино оиди ҳаракат, фазо ва вақт**" номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм – "**Ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино**" қайд карда мешавад, ки андешаҳои Ибни Сино оиди фаҳмиши фалсафии ҳаракат дар асоси баёни мафҳумҳои ишкишоф, ҷунбиш, тағйирёбӣ, оромӣ, Воҷиб-ул-вуҷуд ва ғ. мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин қисмати рисола муаллиф бо такя ба моҳияти фалсафаи табиати Ибни Сино карда, инчунин менависад, ки ба умқи ин масъала ворид шуда, андешахои ҷолиби диққати ин мутафаккирро мавриди баррасӣ карор дода, таваҷҷӯҳи Синоро ба объективияти ҳаракат ошкор намудааст. Чуноне худи муаллиф дар осораш якчанд маротиба ба ин масъала таваҷҷӯҳ намудааст (с.38-77).

Зербоби дуюми боби дуюми рисола "**Масъалаи фазо дар фалсафаи Ибни Сино**" ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб масъалаи фазоро дар фалсафаи Ибни Сино баррасӣ намуда, дар асоси осори фалсафии Сино, махсусан "Наҷот" ва "Донишнома" таҳлили масъалаи мазкурро ба роҳ мондааст. Зеро таваҷҷӯҳи бештари мутафаккир оиди ин масъала маҳз дар ҳамин асарҳояш аст. Ҳамчунин Ибни Сино фазоро дар ҳоли интиқол матраҳ менамояд, ки он табдили дурӣ ва наздикӣ аст. Ҳар як интиқол чизи интиқолёфта (ҷисм ё сатҳу хат фарқе надорад) бояд 1) фазои худро дошта бошад 2) фазо мусовии ӯ бошад, зеро ғайри ӯ бо ӯ дар он фазо (макон) нағунҷад. Макони нуқта нуқта хоҳад буд. Муаллиф дар баррасии мавзӯи мазкур аз усулҳои умумиилмӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва махсусан муқоисавӣ истифода намуда, мавқеи Ибни Синоро дар фаҳмиши фалсафии фазо ошкор менамояд. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки Сино дар ин мавзӯъ бештар пайгири Арасту буда, дар раванди таҳлили ин мавзӯъ норасоӣ ва камбудии Арастуро пурра мегардонад, ки дар рисола ба таври муфассал нишон дода шудааст (с.78-102).

Зербоби сеюми боби дуюми рисола "**Вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино**" ном дорад. Муаллиф дар ин зербоб тавассути фалсафаи табиати Арасту масъалаи вақтро бо осори Ибни Сино баррасӣ менамояд. Дар қисмати аввали ин зербоб масъалаи вақт дар осори Арасту нишон дода шудааст. Қайд мегардад, ки маҳз тавассути таъсири

осори Арасту фаҳмиши фалсафии вақт дар таълимоти Ибни Сино пайдо шудааст. Дар осори Сино мафҳуми “вақт” бо “замон” ишора шудааст.

Арасту аз аввалин донишмандонест, ки дар таърихи фалсафа назарияи системаноки ҳаракатро ба вуҷуд оварда, наметавонист, ки онро бо таҳқиқоти вақт мустақиман ба ҷараён ва тарзи чен карданаш пайваст накунад. Аммо проблемаи вақтро на танҳо ба таври инструменталӣ дар робита бо вазифаи ченкунии адади ҳаракат, балки аз ҷиҳати онтологӣ аз нуқтаи назари моҳияти он ҳал карда, аз ин роҳ синтези мавқеъҳои тадқиқи метафизикӣ ва физикиро амалӣ менамояд.

Арасту ҳанӯз дар оғози китоби “Физика” ду саволи онтологии муҳимро матраҳ намуда, мехост ки дар атрофи он таълимоти худро дар бораи вақт бунёд намояд: оё вақт вуҷуд дорад ё не? Табиати вай чи гуна аст? Мушкилии масъала барояш возеҳу равшан аст: “Вақт ё тамоман вуҷуд надорад, ё ки ким-чизи нофаҳмое буда, ба зӯр вуҷуд дорад”.

Ҳамчунин дар ин зербоб ақидаи Сино доир ба қидами замон ва Худо низ мавриди назар қарор дода шудааст. (с.103-133)

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари илмӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори мутафаккирони давру замонҳои гуногун гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва таърихӣ омода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Ин нуқтаро тасдиқ мекунем, ки мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг ва мувофиқ аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи диссертатсионии Калонзода Фаридун Иброҳимпур** баҳои мусбат дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он ба мисли дигар корҳои илмӣ аз камбудиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Муаллиф бештар усули таҳқиқоти матнӣ (текстуальный анализ)-ро интихоб намудааст. Ин усули машҳур дар таърихи фалсафа ва адабиёт аст, ки маҳсули натиҷабахш медиҳад. Вале дар баробари он диссертант мекӯшад, ки ҳар як параграфи аз Ибни Сино овардаро бори дигар бо суханони дигар шарҳу эзоҳ диҳад, ки баъзан аз худи матни оварда фарқ намекунад. Баъзан як масъала аз якчанд асари Ибни Сино оварда

мешавад, ки якдигарро такрор мекунанд. Ин шояд барои пурқувват кардани фикр оварда мешавад. Беҳтар мебуд, агар муаллиф таҳаввули (эволютсия)-и фикри Абуалӣ ибни Сино дар ҳар масъала ва дар ҳар як асари ӯ нишон медод.

2. Бо истифодаи пурмаҳсул аз усули объективизм ва матншиносӣ (матн ва шарҳи он ё ба ибораи дигар – ҳерменевтика) диссертант аз усулҳои дигари таҳқиқот- барои мисол, усули масъалагузорӣ, усули муқоисавӣ, яъне муқоисаи ақидаҳои Сино бо ҳамасрон ва ҳамзамонони мо кам истифода бурдааст, ҳарчанд ки бо ин усулҳои таҳқиқ ошно аст;

3. Аз таҳқиқоти олимони Эрону мамолики араб дар баррасии мавзӯи ҳаракат, макон ва замон дар фалсафаву таърихи илми Ибни Сино низ истифодаи кам шудааст. Ба таври истисно, таҳқиқоти Муртазо Мутаҳаррӣ аст бо номи "*Ҳаракат ва замон дар фалсафаи исломӣ*", ки танҳо дар оғози диссертатся омадаасту халос. Аз адабиёти илмии замони шӯравӣ (ба ғайр аз М. Диноршоев), навиштаҳои муаррихони фалсафа, ба мисли Лосев, Асмус (ҳарчанд ки дар рӯйхати адабиёт зикр мешаванд) ва таҳқиқоти навтарин ба забони англисӣ низ истифодаи кам ба амал омадааст.

4. Бо истифода аз баҳсҳои фалсафаи муосир дар бораи консепсияҳои ҷавҳарӣ ва нисбии макону вақт (Нютон-Эйнштейн) диссертант метавонист, ки бо истифода аз осори Ибни Сино баҳси хубе дар атрофи ин масъалаҳо ба вуҷуд орад. Чун Ибни Сино назарияи нисбияти фазо ва вақт (концепция относительности)-ро дастгирӣ мекунад.

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ (с. 4, 5, 8, 25, 33, 38, 73) низ вуҷуд доранд, ки онҳо аҳамияти илмии онро кам намекунанд, вале ислоҳи онҳо хуб мебуд.

Бо вуҷуди ин, тамоми эроду камбудиҳои номбурда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намекунад ва рисолаи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Мо чунин мешуморем, ки рисолаи илмии Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи "*Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино*" ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ 06-уми апрели соли 2021, суратҷаласаи № 4 муҳокима карда шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, ходими пешбари илмии Маркази синошщиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Шамсов Мубаракшо Саловудинович омода карда шудааст.

**Эксперт: н.и.ф.** **Шамсов М.С.**

**Раисикунанда: номзади илмҳои фалсафа,**
**Роҳбари Маркази синошиносии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва**
**ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ** **Ҷонбобоев С.**

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33**
**тел: +992 2215689**

**Имзои номзадҳои илмҳои фалсафа,**
**Ҷонбобоев С. Ва Шамсов М.-ро**
**тасдиқ менамоям: нозири кадрҳо** **Кучарова Б.**